**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовна таҳти унвони «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ**

Офаридани асари бадеӣ ҳунару истеъдод ва малакаву маҳоратро тақозо мекунад. Таҳрири асари бадеӣ бошад, аз шахс дониши амиқ ва ҳунари волои суханпардозиро талаб мекунад. Аз ҳами ҷост, ки фаъолияти муҳаррирӣ дар қатори дигар корҳои илмиву адабӣ яке аз машғулиятҳои пурмасъулияттарин ба шумор меравад.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки он аз муқаддима, се боб бо фаслҳояш, хулоса ва феҳристи адабиёти илмӣ ва бадеӣ иборат аст.

Қисмати муқаддимаи диссертатсияи илмӣ мувофиқи талаботи ин намуди корҳои илмӣ таҳия гардида, дар он муаллиф аз мубрамии интихоби мавзуъ, дараҷаи та ҳқиқи он, мақсаду вазифаҳои пажуҳиш, бозёфтҳои илмӣ, метод ва методологияи тадқиқоти илмӣ, арзишҳои амалию назарии диссертатсия ва ҳамчунон, масъалаҳои меҳварӣ барои дифоъ маълумот додааст. Бояд зикр кард, ки тамоми қисматҳои муқаддимавии диссертатсия аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва муаррифии онҳо дар доираи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мантиқан якдигарро тақвият мебахшанд.

Диссертатсия ба таҳқиқу пажуҳиши вижагиҳои фаъолияти муҳарририи устод С. Айнӣ ва услуби таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ аз ҷониби адиб бахшида шуда, муаллиф масоил ва мабоҳиси марбут ва мавзуъро дар се боб таҳрезӣ ва ҳар бобро ба фаслҳо дастабандӣ намудааст.

Боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва амалии таҳрири адабӣ» ном дошта, аз ҳафт фасл иборат мебошад. Дар ин боб диссертант дар хусуси маъношиносии таҳрир, баррасии адабиёти бадеӣ ва муҳаррирӣ, тарзҳо ва меъёрҳои арзёбии асар ва матни адабӣ, роҳу усулҳои фаъолияти муҳарририи асарҳои бадеӣ, хусусиятҳои таҳрири бадеӣ, кори муҳаррирӣ ва нашри осори бадеии классикон, таърихи таҳрири адабӣ бахшида шудааст. Аз таҳлилҳои дақиқу хулосаҳои эътимодноки диссертант дар боби якум бармеояд, ки ӯ зимни омӯзишу баррасии боби мазкур ба муваффақиятҳои баланди илмӣ ноил гаштааст.

Боби дуюми диссертатсия «Фаъолияти муҳарририи С.Айнӣ» ном дошта, дар ин боб фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ дар манзари накд, нақши С.Айнӣ дар таҳрири осораш, фаъолияти муҳарририи С. Айнӣ дар ҳамкорӣ бо А. Лоҳутӣ, саҳми беназири С.Айнӣ дар таҳрири осори классикон ва таҳрири осори тарҷумашуда, нақши С. Айнӣ дар таҳрири нависандагони тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Зикр

кардан бамаврид аст, ки дар ин боб низ диссертант ба комёбиҳои илмӣ шарфёб шудааст.

Боби сеюми диссертатсия “Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори нависандагони тоҷик ” ном дошта аз чор фасл иборат аст. Дар ин қисмати кор диссертант хизматҳои шоёну мондагори устод Айниро дар таҳрири осори нависандагони тоҷик ва тарбияву рушду инкишофи ҳунари эҷодӣ ва салиқаи баланди сухангустарии онҳо ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Фасли якуми боби мазкур саҳми устод Айниро дар таҳрири осори Ҷалол Икромӣ, фасли дуюмро ба масъалаи мақоми С.Айнӣ дар ташаккули шахсияти С. Улуғзода дар ҷодаи нависандагӣ бахшидааст. Фасли сеюм ба тарбияи эҷодии П. Толис ва саҳми устод Айнӣ дар ин самт нақл мекунад. Фасли чорум бошад, ба омӯзишу баррасии таҳрири асарҳои Р. Ҷалил аз ҷониби С. Айнӣ бахшида шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар чор фасли болозикр фаъолияти пурсамари муҳарририи устод С.Айнӣ дар самти бартараф кардани камбудиву нуқсонҳои осори адибон ва дилсӯзии устод ба адабиёт ва рушду инкишофи минбаъдаи он нуктасанҷона ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, то як дараҷа ин паҳлуи камомӯхташудаи фаъолияти муҳарририи устоди нуктасанҷу нозукхаёл – Садриддин Айнӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудааст.

Автореферати диссертатсияи мавриди назар аз чанд ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ буда, пеш аз ҳама, зимни таҳқиқу баррасии мавзуъ ва масъалаҳои асосӣ истиқлоли андеша ба мушоҳида мерасад. Натиҷаҳои асосӣ хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 4 мақолаи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия таҷассум ёфтаанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи Алиева Ҷамила Файзовна мазмуну мухтавои асосии диссертатсияи ӯро инъикос намудаанд.

Бандубаст ва муҳтавои автореферати мазкур ба талаботи фаннию сохтории кунунӣ ҷавобгӯ буда, дар баробари дастовардҳои зиёд дар автореферат баъзе норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд. Барои беҳбудии корҳои баъдии пажуҳишии довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанд нуктаро зарур мешуморем:

1.Дар автореферат баъзе ҷумлаҳо таҳрирталабанд (с. 16, 19, 20, 21).

2.Дар автореферати диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ (с. 3, 4, 6, 9, 10, 19) ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро меафзоянд.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда, асосан, ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Алиева Ҷамила Файзовна ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовна

дар мавзуи «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи
забони тоҷикии Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон — Амлоев Аминҷон Ятимович

«28» марти соли 2024
Нишонии муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Ҳисорӣ, бинои 28/1, хонаи 21
Тел.: (+992) 917. 58- 77- 78
E-mail: amloev@mail. ru

Имзои Амлоев Амлоев Аминҷон Ятимовичро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон — Раҳимов Абдуҳамит Абдибосирович

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30

«28» марти соли 2024